آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

24 июни соли 2026 Чоршанбе № 50 (15269)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САНЪАТИ МАҚОМ КУШОДА ШУД

***Президент Шавкат Мирзиёев дар маросими ифтитоҳи сеюмин Форуми байналмилалии санъати мақом дар шаҳри Намангон иштирок намуда, суханронӣ кард.***






Сарвари давлат иштирокчиёни форум, меҳмонони хориҷӣ ва намояндагони фарҳангу санъатро хайрамақдам гуфта, таъкид намуд, ки санъати мақом пули маънавиест, ки дилҳои инсонҳоро ба ҳам мепайвандад ва роҳ ба сӯи некиро мекушояд.

Зикр гардид, ки ин форум, ки дар кишвари мо ба анъана табдил ёфтааст, ба минбари ҷаҳоние мубаддал шудааст, ки барои боло бурдани аҳамияти умумибашарии санъати мақом мусоидат мекунад.

Дар чорабинӣ роҳбарони ЮНЕСКО, АЙСЕСКО, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони давлатҳои туркӣ, ТУРКСОЙ, Ассамблеяи парлумонии туркӣ, Бунёди фарҳанг ва мероси туркӣ ва дигар сохторҳои байналмилалӣ, вазирони фарҳанг ва сафирони давлатҳои хориҷӣ, инчунин тақрибан 250 намояндаи фарҳанг ва санъат аз беш аз 80 кишвар иштирок доранд.

Президенти мамлакат алоҳида ба фарҳанг ва санъати нотакрори минтақаи Намангон, ки имсол мизбони форум аст, инчунин ба меҳнатдӯстӣ ва неруи созандаи сокинони он таваҷҷуҳ кард. Бо эҳтироми амиқ аз мероси ғании эҷодӣ ва маънавии чунин шоирону мутафаккирони барҷаста, чун Бобораҳим Машраб, Нодим, Фазлӣ, Маҷзуби Намангонӣ, Суфизода, Ибрат, Усмон Носир ва Чустӣ ёдоварӣ шуд. Ҳамчунин, нақши муҳими ҳофизон, мусиқинавозон ва бастакорон, ки дар рушди санъати миллии мусиқӣ саҳми бузург гузоштаанд, таъкид гардид.

Қайд шуд, ки дар ин рӯзҳо дар Намангон 65-умин Фестивали байналмилалии гулҳо низ дар сатҳи баланд идома дорад. Таъкид гардид, ки дар шароити Ўзбекистони Нав фестивали гулҳо аз як намоишгоҳи одӣ ба чорабинии бузурги фарҳангие табдил ёфтааст, ки эътирофи байналмилалӣ пайдо намуда, ба як навъ бренди миллӣ мубаддал шудааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ СЕЮМИН ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САНЪАТИ МАҚОМ

Муҳтарам иштирокчиёни форум!

Меҳмонони гиромӣ!

Хонумҳо ва ҷанобон!

Боиси хушнудист, ки дар Форуми байналмилалии санъати мақом, ки бори сеюм дар хоки зебои Ўзбекистон баргузор мешавад, арбобони маъруфи санъат ва фарҳангро аз кишварҳо ва қитъаҳои гуногун мебинам.

Беҳуда намегӯянд, ки санъат пули маънавиест, ки дилҳои одамонро ба ҳам мепайвандад ва роҳ ба сӯи некиро мекушояд. Аз ин лиҳоз, ин форум, ки дар кишвари мо ба анъана табдил ёфтааст, ба минбари ҷаҳоние мубаддал гардидааст, ки барои боло бурдани аҳамияти умумибашарии санъати мақом мусоидат мекунад.

Ба форуми имрӯзаи мо иштироки роҳбарони ЮНЕСКО, АЙСЕСКО, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони давлатҳои туркӣ, Шӯрои пирони Созмони давлатҳои туркӣ, ТУРКСОЙ, Ассамблеяи парлумонии туркӣ, Бунёди фарҳанг ва мероси туркӣ ва дигар сохторҳои байналмилалӣ, вазирони фарҳанг ва сафирони кишварҳои хориҷӣ, ҳамчунин тақрибан 250 намояндаи фарҳанг ва санъат аз беш аз 80 кишвар нуфуз ва эътибори хос мебахшад.

Аз фурсат истифода бурда, ба меҳмонони гиромие, ки аз кишварҳои дуру наздик ба назди мо ташриф овардаанд, самимона изҳори сипос менамоям.

Ба Ўзбекистони Нав хуш омадед!

Муҳтарам иштирокчиёни форум!

Ҳар як ноҳия, вилоят ва минтақаи Ўзбекистон санъату фарҳанг, арзишу анъанаҳои нотакрори худ ва аҳли эҷоди маъруф дорад. Минтақаи Намангон, ки форуми мо дар он баргузор мегардад, низ аз ҳамин қабил аст. Ин минтақа бо шаҳрҳо ва деҳоти ободу зебояш, соҳибкоронаш, дастовардҳояш дар саноат ва кишоварзӣ, илм, фарҳанг, санъат ва варзиш, инчунин ҷавонони босаводу ҳадафманд, бешубҳа, сазовори эътирофи баланд мебошад.

Дар ин рӯзҳо дар ин ҷо 65-умин Фестивали байналмилалии гулҳои Намангон, ки дар саросари ҷаҳон маъруф аст, идома дорад. Ин ҷашни дурахшон, ки дар сатҳи баланд ташкил шудааст, ба мардуми мо ва ҳамаи дӯстдорони зебоӣ шодии бузург мебахшад. Аз фурсат истифода намуда, бори дигар сокинони меҳнатдӯст, ҳунарманд ва дилсӯзи Намангонро бо ин рӯйдоди фараҳбахш самимона табрик мегӯям.

Дар шароити Ўзбекистони Нав фестивали гулҳо аз як намоишгоҳи одӣ ба як чорабинии бузурги фарҳангӣ табдил ёфт, ки эътирофи байналмилалӣ пайдо кардааст. Он ба як навъ бренди миллӣ мубаддал гардида, мо инро натиҷаи дигаргуниҳои азим на танҳо дар водии Фарғона, балки дар тамоми кишвар медонем.

(Давомаш дар саҳ.3).

**Ба муносибати 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон**




***Дар рӯзҳое, ки мехостам ба зодгоҳ (ноҳияи Сӯх) биравам, Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёев аз рӯйи чораҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ҷамъомад доир кард. «Боз як воқеаи хуш дар ҳаёти мардуми Сӯх!» – аз дил гузарондам бо ҳисси масарратбахш.***

***Як вақтҳо пеш аз сафар ба Сӯх маро ғам зер мекард. Бинобар дар пойтахт будани қайди шиносномаам аз сарҳадҳо гузаштан осон набуд.***

***Хаёл маро ба рӯзҳое бурд, ки воқеан мушкил буданд.***

...Баъди пош хӯрдани сохтори шӯравӣ вазъ дар ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ҳарҷониба мушкил гашт. Тӯли ду даҳсолаи аввали истиқлолият низ, бинобар номуросоиҳо бо Қирғизистон, ҳудуде, ки ба ин сарзамин анклав ҳисоб меёфт, ба душвориҳои сахт рӯбарӯ гардид. Намешуд мардуми заҳматкаши Сӯх ба ноҳияи Риштон ва дигар ҳудудҳои ҳамсояи диёрамон озодона равуо созад. Барои бинобар зарурат ба маркази вилоят рафтан бо ранҷу шиканҷа як рӯзи умри азизи худро сарф менамуд.

Аз ин ҳам бадтараш, ҳолатҳои тамоман баста шудани сарҳад, дар ду тараф монда рафтани аъзои як оила баъзан моҳҳо давом мекард. Моҳии берун аз об мондаро мемонд халқи ҷафокаш. Намедонист ба кӣ дард гӯяд. Шикояткарда ба бало мемонд.

(Давомаш дар саҳ.4).

## АЗ ИНФРАСОХТОР ТО ТАНДУРУСТӢ: МУҲАРРИКҲОИ НАВИ РУШДИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 23 июн бо мақсади шиносоӣ бо бунёдкориҳое, ки дар ҷойҳо идома доранд, инчунин, лоиҳаҳое, ки дар соҳаҳои гуногун татбиқ мешаванд ва таҷрибаҳои пешқадами ҷорӣ, ба вилояти Намангон сафари корӣ анҷом дод.***

Сафари Президент ба минтақаҳо, пеш аз ҳама, дар рушди куллии иқтисодиёт ва инфрасохтор тавассути арҷгузорӣ ба қадру манзалати инсон, минбаъд беҳтар намудани сатҳи некуаҳволӣ ва зиндагии мардум, инчунин истифодаи оқилонаи захираву имкониятҳои мавҷудаи шаҳру ноҳияҳо нақши муҳим мебозад.

Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев 16-17 сентябри соли 2025, зимни сафари худ ба Намангон бо як қатор лоиҳаҳо шинос шуда, вазифаҳои муҳимро ҷиҳати тавсеаи доираи корҳои созандагӣ дар вилоят, рушди босуръати соҳибкорӣ, саноат ва хидматрасонӣ, инчунин беҳтар намудани шароити зисти аҳолӣ муайян намуда буд. Дар муддати сипаришуда, дар натиҷаи корҳои амалие, ки дар асоси ин супоришҳо иҷро шуданд, Намангон дар бисёр бахшҳо мавқеи худро пайдо кард.

Сафари навбатии Президент Шавкат Мирзиёев ба вилоят аз боздиди раванди сохтмони терминали нави мусофирбар дар Фурудгоҳи байналмилалии Намангон оғоз ёфт.

Дар мамлакат ҷиҳати навсозии инфрасохтори нақлиётӣ корҳои густурда амалӣ мегарданд. Лоиҳаи васеъсозии Фурудгоҳи байналмилалии Намангон низ як қисми муҳими ҳамин ислоҳот ба шумор меравад.

Корҳои сохтмон дар асоси қарори роҳбари давлат аз 29 марти соли 2021 «Дар бораи чораҳои рушди шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар соҳаи идоракунии фурудгоҳҳои ҷумҳурӣ» амалӣ мешаванд.

Фурудгоҳи байналмилалии Намангон соли 1971 мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз соли 2013 дар мақоми фурудгоҳи байналмилалӣ фаъолият дорад. Алҳол тавассути ин фурудгоҳ 9 ширкати ҳавопаймоӣ парвозҳои мунтазам анҷом медиҳанд.

Барои лоиҳа дар маҷмӯъ 175 миллион доллар сармоя ҷалб гардидааст. Тибқи нақша, то анҷоми соли 2026 терминали нави мусофирбари ҷавобгӯи талаботи муосир ба кор шурӯъ хоҳад кард. Терминали сеошёна бо масоҳати 22,6 ҳазор метри мураббаъ дар як соат ба 1 ҳазору 200 нафар ва соле ба зиёда аз 3 миллион мусофир хидмат расонида метавонад. Ин иқтидори кунунии фурудгоҳро чандин маротиба зиёдтар менамояд.

Дар терминали нав нуқтаҳои назорати сарҳадӣ ва гумрукӣ, хадамоти раводид (виза), толори тиҷоратӣ, нуқтаҳои савдо ва хӯроки умумӣ, бунгоҳи тиббӣ ва минтақаи «Duty Free» ташкил карда мешаванд. Дар натиҷа 550 ҷойи нави корӣ таъсис меёбад.

То анҷоми соли 2027 терминали боркашонӣ (карго), ки иқтидори шабонарӯзии он 50 тонна мебошад, ба истифода дода мешавад. Барои водии Фарғона низоми ягонаи муосири карго ташкил гардида, имконияти содироти маҳсулот ба 90 мамлакати ҷаҳон боз ҳам васеъ хоҳад шуд.

Сарвари давлат бо раванди сохтмон аз наздик шинос шуда, оид ба такмили минбаъдаи инфрасохтори аэропорт як қатор супоришҳо дод.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти «Кластери гӯспандпарварии Намангон»-и ноҳияи Тӯрақӯрғон шинос шуд.

Ин лоиҳа ба туфайли имкониятҳои васеъ, ки бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 29 январи соли 2020 «Дар бораи чораҳои иловагии аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани соҳаи чорводорӣ» муайян гардидаанд, амалӣ шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# АЗ ИНФРАСОХТОР ТО ТАНДУРУСТӢ: МУҲАРРИКҲОИ НАВИ РУШДИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Кластер, ки 35 миллион доллар арзиши умумӣ дорад, дар 10 гектар майдони аз ҳудуди ноҳия ҷудошуда дар се марҳила роҳандозӣ мешавад.

Дар марҳилаи аввал аз хориҷи кишвар 15 ҳазор сар гӯсфанди зотӣ ворид гардида, то анҷоми марҳилаи дуюм боз 35 ҳазор сар зиёд намудани шумораи чорво дар назар аст. Ба шароити иқлими маҳаллӣ мутобиқ намудани зотҳои сермаҳсули «Арашан», «Ҳисор» ва «Аделбай» пешбинӣ шудааст.

Тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири парвариш ва истифодаи равишҳои илмӣ дар кластер, барои ба таври назаррас зиёд кардани ҳаҷм ва сифати истеҳсоли гӯшт имконият фароҳам мегардад. Тибқи нишондиҳандаҳои технологии лоиҳа, гӯсфандони аз хориҷ воридшуда, ки 40-50 килограмм вазн доранд, бо усули интенсив парвариш карда мешаванд ва баъд аз се моҳ вазни онҳо то 100 килограмм хоҳад расид. Яъне аз ҳар як сар гӯсфанд то 60-70 килограмм гӯшти холис ба даст овардан имконпазир мегардад.

Дар натиҷа, нисбат ба чорводории анъанавӣ маҳсулнокӣ 45–50 фоиз меафзояд ва пас аз бо иқтидори пурра татбиқ шудани лоиҳа, дар вилоят соле истеҳсоли 35-40 ҳазор тонна маҳсулоти босифати гӯштӣ таъмин мегардад.

Дар ин ҷо таъсис ёфтани 280 ҷойи нави кори доимӣ, инчунин таъмини шуғли намояндагони 95 оилаи камбизоат барои беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ мусоидат мекунад.

Инчунин, дар назди маҷмаа хидматрасониҳои муосири логистикӣ, растаҳои байториву хидматрасонӣ ва нуқтаҳои савдо барои фурӯши мустақими маҳсулот сохта мешаванд. Дар натиҷа, занҷираи ягона ва пайвастаи кластерӣ созмон меёбад.

Президент самарбахшии таҷрибаи корхонаро дар рушди бахши чорводорӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифати гӯштӣ ва баланд бардоштани сатҳи таъмини шуғли аҳолӣ таъкид намуда, аз рӯйи оммависозии он супориш дод.

Дар корхонаи «Уйчӣ парранда»-и ноҳияи Тӯрақӯрғон лоиҳаи бузурги сармоягузорие, ки истеҳсоли тухми зотӣ, инкубатсия ва истеҳсоли гӯшти мурғро фаро мегирад, татбиқ мешавад. Президент Шавкат Мирзиёев зимни сафар ба вилояти Намангон бо фаъолияти ин корхона низ шинос шуд.

Дар ин ҷо аз ҳисоби 50 миллион доллар маблағи бонки тиҷоратӣ дар 121 гектар майдон 60 ҳазор сар мурғи зотӣ, ки аз ширкати «Авиаген»-и Венгрия оварда шудааст, бо усули интенсив парвариш карда мешавад. Бартарии асосии корхона нисбат ба хоҷагиҳо дар он аст, ки тамоми давраи истеҳсолот – аз раванди инкубатсия то истеҳсоли маҳсулоти тайёри гӯштиро дар низоми ягонаи саноатӣ фаро мегирад.

Технологияҳои муосири генетикӣ, ки дар ин ҷо насб шудаанд, барои ҳар рӯз истеҳсол намудани 60 ҳазор дона тухми босифат ва тавассути инкубаторҳо баровардани 50 ҳазор сар чӯҷа имкон медиҳанд.

Дар ин лоиҳа самти истеҳсоли гӯшт низ дорои самарадории баланди иқтисодӣ мебошад. Дар маҷмааҳое, ки ҳар кадом барои парвариши 100 ҳазор сар парранда пешбинӣ шудаанд, бройлерҳо дар давоми 45–50 рӯз парвариш ёфта, дар як давраи истеҳсолӣ 120 тонна гӯшти мурғ тавлид мешавад.

Таъкид гардид, ки дар асоси ин таҷрибаи муваффақ дар ноҳияҳои Мингбулоқ, Намангон, Норин, Поп, Уйчӣ, Чуст ва Чортоқ низ бунёди маҷмааҳои нави паррандапарварӣ зарур аст. Дар натиҷа шумораи умумии паррандаҳо дар вилоят ба 12 миллион сар расида, дар доираи лоиҳа 500 ҷойи кории иловагӣ ва тавассути низоми густаришёфтаи кооператсия дар маҷмӯъ ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Занҷираи ягонаи саноатие, ки аз ҷониби корхонаи «Уйчӣ парранда» роҳандозӣ шудааст, на танҳо дар Намангон, балки дар тамоми бозорҳои водии Фарғона барқарории нархи гӯшти мурғ ва тухмро таъмин менамояд. Баъди бо иқтидори пурра татбиқ шудани лоиҳа, ҳаҷми содирот низ афзоиш хоҳад ёфт.

Сарвари давлат дар ҳамин ҷо бо деҳқонони соҳибтаҷриба, фермер ва соҳибкорони минтақа мулоқот кард.

Инчунин, Президент бо муаррифии лоиҳаи истифодаи босамари заминҳои бекорхобидаи вилояти Намангон ва боғи суперинтенсив, ки дар 100 гектар майдони ноҳияи Поп ташкил шудааст, шинос гардид.

Ин боғ, ки 20,7 миллиард сӯм арзиш дорад, бо назардошти табиат ва шароити хокии ноҳия бунёд шудааст. Муҳимтар аз ҳама, заминҳое, ки тӯли солҳо истифода намешуданд ва таъмини онҳо бо об мураккаб буд, ба шарофати ин лоиҳа ба манбаи воқеии даромад табдил ёфтанд.

Дар ҳудуди боғ дар маҷмӯъ 66,6 ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадиҳандаи серҳосил шинонда шудааст. Дар ин раванд, бо назардошти талаботи бозор ба навъҳои мева диққати махсус дода шудааст. Дар 60 гектар майдони боғ 40 ҳазор бех зардолу, дар 25 гектар 16,6 ҳазор бех шафтолу ва дар 15 гектар 10 ҳазор бех гелос парвариш карда мешавад.

Ба туфайли усулҳои муосири обёрӣ ва нигоҳубин, аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна ҷамъоварии 20 тонна ҳосили босифат дар назар аст. Ин нишондиҳанда нисбат ба боғҳои маъмулӣ чанд баробар зиёд мебошад.

Дар асоси низоми кооператсия, ки дар ин ҷо роҳандозӣ шудааст, ба 300 оилаи ниёзманд 30-холӣ замин ҷудо гардидааст. Чунин иқдом оилаҳои камтаъминро бо манбаи доимии даромад низ таъмин мекунад.

Ҳамин тавр, дар вилояти Намангон ҷалби заминҳои бекорхобида ба гардиши иқтисодӣ пайваста идома дорад.

Бахусус, тӯли солҳои 2019–2024 дар вилоят 38 ҳазору 900 гектар замин дубора мавриди амал қарор гирифта бошад, танҳо дар соли 2025 боз 7 ҳазору 28 гектар замин ба истифода дода шуд. Дар доираи ин ташаббуси стратегӣ то соли 2028 марҳила ба марҳила азхуд намудани 18 ҳазор гектар заминҳои истифоданашаванда ба нақша гирифта шудааст.

Президент Шавкат Мирзиёев дар маросими гузоштани санги асос ба сохтмони IT-парк, ки дар ҳудуди шаҳраки Намангони Нави ноҳияи Давлатобод бунёд мегардад, иштирок намуд.

Сарвари давлат таъкид кард, ки рушди босуръати рақамикунонӣ ва технологияҳои зеҳни сунъӣ, зиёд кардани ҷойҳои кори сердаромад ва таъсиси иқтидорҳои муосир дар тамоми минтақаҳо чун яке аз самтҳои асосии ислоҳот дар Ӯзбекистони Нав муайян гардидааст.

Бо ҳамин мақсад барнома ва қарорҳои вижа қабул гардида, маблағи зарурӣ ва масъулони мушаххас муайян мегарданд ва корҳои бонизом амалӣ мешаванд.

Таъкид гардид, ки аз аввали соли ҷорӣ танҳо ба вилояти Намангон 2 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб шудааст. Имрӯз 20 иқтидори нави истеҳсолӣ ба маблағи 1 миллиарду 800 миллион доллар, ки бо ҳамкорони Чин, Туркия, Ҳиндустон ва Русия бунёд гардидаанд, мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар натиҷа дар соҳаҳои дорусозӣ, саноати сабук, электротехника, масолеҳи сохтмон, саноати хӯрокворӣ ва кимиё 6,5 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис ёфта, беш аз 30 намуди маҳсулоти нав истеҳсол мегардад. Тавассути ин лоиҳаҳо ба иқтисодиёти вилоят 3 триллиону 600 миллиард сӯм гардиши иловагӣ, 200 миллион доллар содирот ва ба буҷет 400 миллиард сӯм даромад зам хоҳад шуд.

Ҳамзамон, татбиқи 28 лоиҳа ба маблағи 4 миллиард доллар, ки ба рушди саноат, сайёҳӣ, савдо ва сохтмони манзил дар Намангон такони ҷиддӣ мебахшанд, оғоз меёбад.

Президент таъкид намуд, ки беш аз 1 миллиону 600 ҳазор нафар аҳолии вилояти Намангонро ҷавонон ташкил медиҳанд ва ин захираи бениҳоят бузурги иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад. Таъкид гардид, ки ҷиҳати ба ҷавонон омӯхтани донишҳои муосир, аз ҷумла, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ ва ба ин васила соҳиби касбҳои сердаромад намудани онҳо лоиҳаҳои бузурги стартап амалӣ мешаванд.

Коршиносон иқтидори Ӯзбекистонро дар соҳаи зеҳни сунъӣ 10 миллиард доллар арзёбӣ мекунанд. Зикр гардид, ки ин иқтидор бояд ба имконият, имконият бошад ба лоиҳаи мушаххас, ҷойҳои нави корӣ ва арзиши баланди иловашуда табдил дода шавад.

Солҳои охир дар шаҳрҳои Нукус, Қаршӣ, Тирмиз, Урганч ва Фарғона IT-паркҳои муосир ба фаъолият шурӯъ карданд. Моҳи октябри соли гузашта дар пойтахт марҳилаи дуюми лоиҳаи IT-парк низ оғоз ёфта буд.

Якҷо бо ҳамкорони чинӣ дар асоси лоиҳаи бузург, ки 117 миллион доллар арзиш дорад, дар шаш минтақаи ҷумҳурӣ – шаҳрҳои Намангони Нав, Самарқанд, Чирчиқ, Нурафшон, Урганч ва Навоӣ IT-паркҳо сохта мешаванд. Маҷмааe, ки дар шаҳри Намангони Нав бунёд мегардад, нахустин иншооти ин лоиҳа хоҳад буд.

Ин лоиҳа дар доираи иҷрои қарори сарвари давлат аз 26 феврали соли 2024 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба рушди содироти хидматрасониҳои соҳаи рақамикунонӣ дар мамлакат» амалӣ мегардад.

Мувофиқи лоиҳа, дар 1,7 гектар майдон бинои замонавии 17-ошёна сохта мешавад. Иншоот аз ҷониби шарикони хориҷӣ аз марҳилаи тарҳрезӣ ва сохтмон, то муҷаҳҳазсозии дохилӣ – тамоми марҳилаҳоро фаро гирифта, дар ҳоли омода ба истифода супурда мешавад.

Дар ин маҷмааи муосир, ки қариб 18 ҳазор метри мураббаъ масоҳат дорад, марказҳои таълимӣ ва содиротӣ, майдонҳои коворкинг ва идорот, акселератори стартапҳо ва низоми махсуси хидматрасонӣ барои ширкатҳои хориҷӣ таъсис дода мешаванд.

Дар ин ҷо даҳҳо ширкат ва студияҳои стартап ҳамчун экосистемаи ягонаи технологияҳои иттилоотӣ фаъолият хоҳанд кард. Дар маҷмаа барои қариб 2 ҳазор ҷавони намангонӣ ҷойҳои сердаромади корӣ фароҳам мегардад.

Ба кор шурӯъ кардани лоиҳа барои ба 500 миллиард сӯм расонидани ҳаҷми солонаи хидматрасониҳои IT ва ба 30 миллион доллар баровардани содирот дар вилоят замина фароҳам меорад.

Роҳбари давлат ба шарикони хориҷие, ки дар татбиқи ин лоиҳа саҳм мегузоранд, изҳори сипос намуд. Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев ба сохтмони IT-парк дар Намангони Нав санги асос гузошт.

Ҳамчунин, дар ҳамин ҷо маросими ба кор даровардани як қатор лоиҳаҳои нави вилоятӣ ва оғози сохтмони онҳо баргузор гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев дар доираи сафар ба вилояти Намангон бо фаъолияти озмоишгоҳи зеҳни сунъии Донишгоҳи давлатии техникии Намангон шинос гардид.

Дар лаборатория барои таҳкими дониш ва малакаҳои амалии донишҷӯён, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар лоиҳаҳои воқеӣ ва баланд бардоштани иқтидори илмии профессорону омӯзгорон шароити зарурӣ фароҳам гардидааст.

Дар назди он марказҳои таҳлил, робототехника ва бионика, акселератори стартапҳо, 9 утоқи «ҳушманд» ва 2 хона барои омӯзиши зеҳни сунъӣ ташкил гардидааст.

Ин марказ бо таҳия ва ҷорӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионии илмию амалӣ дар самтҳои зеҳни сунъӣ, робототехника, нақлиёти «ақлнок», экология ва агротехнологияҳо шуғл меварзад.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки вусъат додани ин таҷриба ва боз ҳам бештар ҷалб кардани иқтидори зеҳнӣ ва илмии ҷавонон дар рушди соҳаҳои муҳим зарур мебошад.

Ҳамчунин ба Президент лоиҳаҳои стартапие, ки аз ҷониби мушовирони ҳокимиятҳои вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо оид ба зеҳни сунъӣ таҳия гардидаанд, муаррифӣ шуданд.

Роҳбари давлат бо ҷавонон суҳбат намуда, ғоя ва пешниҳодҳои онҳоро шунид.

Президент Шавкат Мирзиёев дар Маркази вазъиятии вилояти Намангон ахбороти масъулонро оид ба рушди минтақа шунид.

Дар мамлакат ҷиҳати рушди минтақаҳо дар пояи технологияҳои муосир, рақамикунонии низоми идоракунии давлатӣ ва хидматрасонӣ, истифодаи васеъ аз имкониятҳои зеҳни сунъӣ корҳои пайгирона амалӣ мегарданд.

Дар Намангон Маркази вазъиятии «ақлнок» таъсис ёфтааст, ки мақсади он таҳлили равандҳои шаҳр ва ноҳияҳо тавассути низоми ягонаи рақамӣ, қабули фаврии қарорҳои идоракунӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиду бехатар барои аҳолӣ мебошад.

Ҳамчунин лоиҳаи «Маркази иттилоотӣ-хидматрасонии маҳалла», ки дар маҳаллаи Намангони Нави ноҳияи Норин ташкил мегардад, муаррифӣ шуд.

Тавассути ин марказ ба зиёда аз 27 ҳазор нафар сокинони 8 маҳалла пешниҳод намудани 980 намуди хидматҳо дар худи маҳалла, дар асоси тамоюли «равзанаи ягона» ба нақша гирифта шудааст. Дар ин раванд маълумоти марбут ба ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини шуғл, профилактика, андоз, ҷинояткорӣ, таълим ва дигар нишондиҳандаҳои муҳими минтақа дар низоми ягонаи рақамӣ ҳамгиро карда мешаванд.

Дар тақдимоте, ки ба баланд бардоштани самарадории фаъолияти нозирони профилактика равона шуда буд, гуфта шуд, ки 18 намуди равандҳои марбут ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ рақамӣ гардида, ба планшетҳои кормандон интегратсия карда шудаанд. Инчунин, нозирон бо боди-камераҳои муосир таъмин шуда, фаъолияти онҳо ба Маркази вазъиятӣ мустақиман пайваст гардидааст.

Дар ҳамин ҷо ба Президенти мамлакат дар бораи самтҳои нави афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Намангон маълумот дода шуд.

Таъкид гардид, ки солҳои охир ҳаҷми саноати Намангон аз 4,6 триллион сӯм то 40 триллион сӯм афзоиш ёфтааст. Соли ҷорӣ вазифа гузошта шудааст, ки дар Намангон маҳсулоти умумии минтақавӣ 9,2 фоиз, саноат 9, хидматрасонӣ 17 ва кишоварзӣ 6,8 фоиз зиёд карда шавад. Ҳамчунин, зарурати ба муҳаррикҳои асосии рушди вилоят табдил додани соҳаҳои мошинсозӣ, металлургия, саноати сабук, хизматрасонӣ ва самтҳои нави иқтисодӣ таъкид гардид.

Бо мақсади тақвияти равиши илмӣ дар рушди минтақаҳо, 14 «маркази таҳлилӣ» аз рӯи таҷрибаи Намангон ба усули нави корбарӣ мегузаранд. Онҳо дар шаҳру ноҳияҳо ташхиси иқтисодӣ гузаронида, оид ба маҳсулнокии меҳнат, сифати сармоягузорӣ, кооператсия, фаъолнокии тиҷоратӣ ва занҷираҳои арзиши иловашуда захираҳои навро муайян хоҳанд кард.

Ба масъулон супориш шуд, ки то 1 сентябр иқтидори саноатии ҳар як ноҳияро ҳамаҷониба омӯхта, дар асоси натиҷаҳо барномаи нав таҳия намоянд. Таъкид гардид, ки ҳар як таҳқиқоти илмии аз ҷониби «марказҳои таҳлилӣ» омодашуда бояд дар амал татбиқ гардида, ба рушди минтақа ё соҳаи муайян хидмат намояд.

Соли ҷорӣ барои рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани инфрасохтори тиҷоратӣ дар вилояти Намангон аз буҷет 4,5 триллион сӯм ҷудо шудааст. Ҳамчунин барои тиҷорати хурду миёна 6,5 триллион сӯм захира равона мешавад.

Дар вилоят вазифаи то охири сол бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани 80 ҳазор нафар, афзунсозии даромади 314 ҳазор шаҳрванд ва аз камбизоатӣ баровардани 21 ҳазор оила ба миён гузошта шудааст.

Дар панҷ моҳ 23,5 ҳазор аҳолӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ шуданд, беш аз 8 ҳазор оила аз камбизоатӣ раҳо гардиданд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе ноҳияҳо ҳанӯз ҳам баланд боқӣ мондани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ танқид карда шуд. Ба масъулон супориш шуд, ки самарадории корҳоро бобати таъмини шуғл, соҳибкорӣ ва коҳиши камбизоатӣ афзунтар намоянд.

Имкониятҳои нави соҳаи кишоварзӣ низ муаррифӣ гардиданд. Вазифа гузошта шуд, ки дар ноҳияи Косонсой соҳаи чорводориро пеш бурда, то охири сол дар 4 ҳазору 700 гектар зироатҳои хӯроки чорво кишт намоянд ва шумораи чорвои калон ва гӯсфанду буз ду баробар зиёд карда шавад.

Супориш шуд, ки дар ноҳияи Поп аз заминҳои адир босамар истифода намуда, таҷрибаи ташкили боғҳои саноатии органикиро густариш диҳанд. То анҷоми сол боз дар 400 гектар адирҳо боғҳои саноатӣ ташкил мегарданд ва дар муҳлати як моҳ дар 2 ҳазору 800 гектари иловагӣ корҳои амалӣ оғоз мешаванд.

Масъалаи ба ҷавонон омӯхтани касбу ҳунарҳои муосир низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт. Вазифа гузошта шуд, ки дар Намангон ҳадди ақал 5 маркази хусусии таълимиву баҳодиҳии ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ таъсис дода, дар ҳамин сол 20 ҳазор ҷавон ба омӯзиш фаро гирифта шаванд.

Ба масъулон супориш шуд, ки бо назардошти талаботи нави бозори меҳнат эҳтиёҷ ба касбҳои муосирро муайян намоянд, барои марказҳои таълимиву баҳодиҳӣ аз биноҳои техникумҳо ҷой ҷудо кунанд ва корҳои таъмиру ободонии техникумҳои мавҷударо то оғози соли нави таҳсил ба анҷом расонанд.

Масъалаҳои сармоягузорӣ ва содирот низ муҳокима шуданд. Соли ҷорӣ ҷалби 5 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ба Намангон ва ба 1,2 миллиард доллар расонидани ҳаҷми содирот ҳадаф гузошта шудааст. Дар доираи Форуми панҷуми байналмилалии сармоягузории Тошканд дар сатҳи вилоят 43 созишнома ба маблағи 3 миллиард доллар ба даст омад.

Барои баланд бардоштани иқтидори содиротӣ супориш дода шуд, ки кор дар сатҳи ҳар як ноҳия ва шаҳр роҳандозӣ шуда, дар мисоли Намангон низоми «Экосистемаи ягонаи содиротӣ», ки аз истеҳсоли маҳсулот то стандартизатсия, сертификатсия, бастабандӣ, логистика ва расмиёти гумрукӣ – тамоми марҳилаҳоро фаро мегирад, татбиқ карда шавад.

Соли ҷорӣ барои ба масофаи 130 километр кашидани шабакаи оби нӯшокӣ, 2,5 километр шабакаҳои партовоб ва сохтмони 9 иншооти нави об 703 миллиард сӯм ҷудо шудааст. Дар натиҷа, 34 ҳазор аҳолӣ бори аввал бо оби нӯшокии мутамарказ таъмин гардида, 25 ҳазор нафар ба шабакаи партовоб пайваст хоҳанд шуд.

Бозсозии 75 километри роҳи автомобилгарди «Пунгон – Намангон», ба роҳи чорсамтаи бетонӣ табдил додани он, инчунин сохтмони 21 пул ва 22 гузаргоҳи пиёдагард ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади рушди нақлиёти ҷамъиятӣ супориш дода шуд, ки то 1 сентябр 90 автобус, 50 электробус ва 30 микроавтобус, инчунин то 1 июли соли оянда боз 105 электробуси дигар оварда шавад. Ҳамчунин, ҳамин сол ҷиҳати тармими низоми канализатсияи шаҳри Намангон дар асоси шарикии давлативу бахши хусусӣ корҳои амалӣ оғоз мегарданд.

Дар соҳаи тандурустӣ дар ноҳияҳои Косонсой ва Уйчӣ низ ҷорӣ намудани модели нави ёрии аввалияи тиббию санитарӣ пешбинӣ шудааст. Инчунин, аз моҳи октябр дар вилоятҳои Намангон, Андиҷон ва Фарғона барномаи миллии мубориза бо сактаи дил ва сактаи мағзӣ роҳандозӣ мешавад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои кам кардани иқтисоди пинҳонӣ, пешгирии ҷинояткорӣ ва корбарии мақсаднок бо ҷавонон низ баррасӣ гардиданд.

Ҳисоботи муовинони Сарвазир, роҳбарони минтақаҳо ва дигар мутасаддиён шунида шуд.

Сарвари давлат дар доираи сафар ба вилояти Намангон ба академияи футболи «Навбаҳор» ташриф оварда, бо шароите, ки дар ин маскан барои футболбозони ҷавон фароҳам гардидааст ва раванди таълиму тамрин шинос шуд.

Вилояти Намангон бо анъанаҳои ғании футболӣ ва футболбозони боистеъдоди худ дар мамлакат мавқеи хоса дорад. Бо мақсади мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ омода намудани насли ҷавон, академияи «Навбаҳор» ба муҳлати се сол ба ихтиёри академияи футболи «Аякс», ки яке аз мактабҳои пешсафи футболи ҷаҳон ба шумор меравад, супурда шудааст.

«Аякс» (соли 1900 таъсис ёфтааст) аз маъруфтарин академияҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад ва тавассути интиқоли шогирдони худ ба клубҳои машҳури Аврупо ҳамасола ба ҳисоби миёна 50–70 миллион евро даромад ба даст меорад.

Тибқи созиш, байни клубҳо академияи муштараки футболи наврасон таъсис ёфта, бобати омодасозии бозигарону мураббиёни ҷавони ӯзбекистонӣ модели идоракунии «Аякс» ҷорӣ карда мешавад.

Алҳол дар академия мутахассисони хориҷӣ, аз ҷумла мураббиён ва скаутҳо фаъолият намуда, корҳои омодасозии ҷавонони маҳаллиро дар асоси меъёрҳои футболи Аврупо идома медиҳанд.

Президент инфрасохтори академия, майдонҳои машғулот ва имкониятҳои барои тарбиятгирандагон фароҳамшударо аз назар гузаронд. Инчунин, бо футболбозони ҷавон ва мутахассисони хориҷӣ суҳбат намуда, ба орзуву мақсад ва нақшаҳои онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир кард.

Зимни мулоқот масъалаҳои рушди минбаъдаи футбол дар мамлакат, дастгирии ҷавонони боистеъдод ва вусъат додани иштироки дастаи мунтахаби миллии Ӯзбекистон дар майдонҳои байналмилалӣ баррасӣ шуданд.

Сарвари давлат бо тарбиятгирандагони академия акс гирифт.

Президент Шавкат Мирзиёев зимни сафар ба Намангон аз ҷашнвораи анъанавии гулҳо боздид намуд.

Дар натиҷаи тӯл ёфтани муҳлати баргузории фестивал аз 3 рӯз дар соли 2018 то 40 рӯз дар соли 2025, шумораи сайёҳони хориҷӣ аз 25 ҳазор ба 800 ҳазор нафар расида, теъдоди сайёҳони маҳаллӣ ба 6,4 миллион нафар афзуд.

Мақсади навбатӣ ҷалби 1 миллион сайёҳи хориҷӣ аз зиёда аз 50 давлати ҷаҳон ва 7 миллион сайёҳи дохилӣ, баргузории беш аз 150 чорабинӣ ва ба 8 триллион сӯм расонидани ҳаҷми хизматрасонӣ мебошад.

Ҷашнвораи 65-уми байналмилалии гулҳо, ки аз 24 май то 12 июли соли ҷорӣ идома меёбад, бо шаҳомати хос баргузор мегардад.

Ҷашнвора расман ба «Китоби рекордҳои Гиннесс» дохил гардид. Дар доираи он намояндагони китоб тӯли як моҳ раванди аз ҷониби сокинони шаҳри Намангон бо даст шинонидани зиёда аз 29 миллион кӯчати гулро мушоҳида карданд. Дар натиҷа рекорди ҷаҳонӣ ба қайд гирифта шуд.

45 маҳаллаи шаҳри Намангон ба парвариши гул ихтисосонида шуда, 16 ҳазор хонавода фаро гирифта шуданд, 21 ҳазор нафар аҳолӣ бо шуғл таъмин гардиданд. Тӯли моҳҳои март ва апрел дар қитъаҳои наздиҳавлигии ин хонаводаҳо 4 ҳазору 683 гармхона ташкил ва 120 миллион дона ниҳолаки гул парвариш карда шуд. Аҳолӣ 300 миллиард сӯм даромади иловагӣ ба даст овард.

Сарвари давлат композитсияҳои гулдор, майдонҳои махсус ва намоишгоҳҳоеро, ки дар доираи ҷашнвора ташкил шудаанд, аз назар гузаронд. Аз афроде, ки бо гулпарварӣ машғуланд, соҳибкорон, иштирокдорон ва меҳмонони фестивал истиқбол намуд.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Беҳрӯз ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**Оқилхон ДАДАБОЕВ,**
**мухбирони махсуси ЎзА.**

# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САНЪАТИ МАҚОМ КУШОДА ШУД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Махсус таъкид шуд, ки имсол дар Намангон зиёда аз 150 миллион гул шинонда шудааст. Ин далел эътирофи байналмилалӣ пайдо карда, ба Китоби рекордҳои Гиннесс ворид гардид.

Президенти мамлакат дар бораи аҳамияти санъати мақом дар фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ низ сухан гуфт. Таъкид гардид, ки мақом, ки ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарияти ЮНЕСКО ворид шудааст, танҳо мусиқӣ набуда, балки хотираи миллат, қалби мардум ва садои рӯҳи он аст, ки аз миёни асрҳо танин меандозад.

Зикр гардид, ки ҳадафи асосии сеюмин Форуми байналмилалии санъати мақом ҳифз, омӯзиш ва тарғиби ин мероси нодир, инчунин ба наслҳои оянда интиқол додани он мебошад.

Солҳои охир дар Ӯзбекистони Нав боло бурдани мақоми санъати мақом дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг табдил ёфтааст. Дар баробари маҳорати иҷрои мақом, асосҳои назариявии он низ амиқ омӯхта мешаванд. Барои ин низоми «мактаби мусиқӣ – мактаби махсусгардонидашуда – муассисаи таҳсилоти олӣ» ба роҳ монда шуда, инчунин дар 21 самти фарҳанг ва санъат, аз ҷумла санъати мақом, иттиҳодияҳои эҷодӣ таъсис дода шудаанд. Минбаъд озмунҳои иҷрокунандагони ҷавони мақом дар сатҳи маҳалла, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ баргузор хоҳанд шуд.

Президент як қатор ташаббусҳои навро барои рушди минбаъдаи санъати мақом пешниҳод намуд.

Пешниҳод гардид, ки ба Маркази бошукӯҳи мақом, ки дар Тошканди Нав бунёд мешавад, мақоми ҷаҳонӣ дода шуда, дар назди он Академияи байналмилалии мақом таъсис дода шавад. Дар академия дар баробари мактабҳои мақоми ӯзбекӣ, самтҳои мусиқии классикии шарқӣ – арабӣ, туркӣ, форсӣ, тоҷикӣ, ҳиндӣ ва дигар равияҳо низ таълим дода мешаванд.

Дар назди марказ Китобхонаи байналмилалии рақамӣ ва озмоишгоҳе бо дастнависҳои нодири мусиқӣ, сабтҳои аудиоӣ ва бойгониҳои нота дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсис дода мешаванд. Ҳамаи ин ба платформаи ҷаҳонии илмию академӣ табдил ёфта, донишмандони соҳа ва санъатшиносонро муттаҳид месозад.

Ҳамчунин ташаббуси таъсиси Антологияи ҷаҳонии мақом пешниҳод гардид. Ба он намунаҳои мусиқии классикии халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла мақом, муғом, муқом ва дастгоҳ, инчунин маводи нотавӣ, сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ, таҳқиқоти илмӣ дохил мешаванд, ки дар як платформаи ягонаи рақамӣ ҷойгир карда хоҳанд шуд. Иттилоъ дода шуд, ки ба ансамбли «Мақом»-и ба номи Юнус Раҷабӣ, ки фонди тиллоии чунин асарҳоро офарида, дар миёни мардум ба таври васеъ тарғиб менамояд, мақоми Ансамбли давлатии миллӣ дода шуд. Илова бар ин, барномаи мобилӣ оид ба иҷрои мақом роҳандозӣ гардида, фонотекаи он мунтазам ғанӣ карда мешавад.

Бо мақсади рушд ва дастгирии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи мақом пешниҳод шуд, ки фонди байналмилалӣ таъсис дода шуда, грантҳои он барои маблағгузории пажӯҳишҳои илмӣ, омӯзиши сарчашмаҳои нодир, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҳавасмандгардонии моддии намояндагони соҳа ҷудо карда шаванд.

Таъсиси Ҷоизаи байналмилалӣ дар соҳаи мақом аз ҳисоби маблағҳои фонд ва ҳар ду сол бо он сарфароз гардонидани донишмандон ва ҳунармандоне, ки дар рушди мақом саҳми бузург гузоштаанд, мувофиқи мақсад дониста шуд.

Дар баробари ин, дар минтақаҳо аз рӯи шаш самти «Шашмақом» масири фарҳангӣ-саёҳатии «Роҳи мақом» кушода хоҳад шуд. Дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хива, Қӯқанд, Шаҳрисабз ва Тошканд кӯчаҳои мавзӯии сайёҳӣ бахшида ба самтҳои гуногуни санъати мақом ташкил карда мешаванд.

Сарвари давлат таъкид кард, ки Форуми байналмилалии санъати мақом ба минбари бузурги муколама табдил меёбад, ки барои ҳифз ва ба наслҳои оянда интиқол додани ин мероси ҷовидона, инчунин таҳкими дӯстӣ ва муколамаи фарҳангӣ миёни халқҳо мусоидат менамояд.

Дар анҷоми суханронии худ Президент Шавкат Мирзиёев ба иштирокчиёни форум саломатии бардавом, илҳом ва дастовардҳои нави эҷодӣ орзу намуда, сеюмин Форуми байналмилалии санъати мақомро кушода эълон кард.

Дар маросим барномаи рангини консертӣ намоиш дода шуд.

Бо ҳамин Президент Шавкат Мирзиёев сафарро ба вилояти Намангон анҷом дод.

**ЎзА.**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ СЕЮМИН ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САНЪАТИ МАҚОМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар сарзамини Намангон, ки имрўз ба боғи шукуфон табдил ёфтааст, танҳо дар соли ҷорӣ беш аз 150 миллион гул шинонда шуд. Ин далел ба Китоби рекордҳои Гиннес ворид гардида, воқеан ҳам боиси таҳсин аст. Барои ин ба шумо, азизони ман, сипоси зиёд мегўям.

Намангон сарзамини пурфайзи истеъдодҳост, ки ба ҷаҳон шоир ва мутафаккири бузург Бобораҳим Машраб, инчунин чунин устодони барҷастаи сухан, чун Нодим, Фазлӣ, Маҷзуби Намангонӣ, Суфизода, Ибрат, Усмон Носир, Чустӣ ва Ҳабиб Саъдуллоро ато кардааст. Мо бо эҳтиром аз номҳои фарзандони Намангон – ҳофизон, мусиқинавозон ва бастакорони маъруфе, ки дар рушди фарҳанги миллии мусиқии мо нақши равшан гузоштаанд, аз ҷумла Рўзиматхон Исобоев, Ваҳҳобҷон Абдуллоев, Маҳмудҷон Муҳаммадов, Эргаш Йўлдошев, Саидҷон Калонов, Турсуной Мамедова, Камолиддин Раҳимов, Ҳабиба Охунова, Ўринбой Нуралиев, Ҳодия Юсупова ва Ҷўрахон Раҳимов ёд мекунем. Мероси ғании эҷодии онҳо барои наслҳои нави арбобони фарҳанг ва санъат ҳамчун мактаби маҳорати ҳунарӣ хизмат мекунад.

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи мо хуб медонем, ки санъати мақом, ки ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарияти ЮНЕСКО ворид шудааст, то чӣ андоза бузург ва воқеан нотакрор аст ва чунин эътирофи ҷомеаи байналмилалиро хеле қадр мекунем. Зеро мақом танҳо мусиқӣ нест. Мақом хотираи миллат, қалби мардум ва садои рўҳи он аст, ки аз миёни асрҳо танин меандозад. Ба андешаи ман, шумо ҳам розӣ хоҳед шуд, ки дар мақом орзуву умедҳо, ғаму шодиҳо ва тамоми хиради ниёгони мо таҷассум ёфтаанд.

Ҳадафи асосии сеюмин Форуми байналмилалии санъати мақом ҳифз, омўзиш ва тарғиби ин мероси нодир, инчунин ба наслҳои оянда интиқол додани он мебошад.

Солҳои охир дар Ўзбекистони Нав боло бурдани ҷойгоҳи санъати мақом дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг табдил ёфтааст.

На танҳо маҳорати иҷро, балки асосҳои назариявии мақом низ амиқ омўхта мешаванд. Аз ҷумла, анъанаҳои илмӣ дар соҳаи мақомшиносии чунин донишмандон, чун Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Абдулқодири Мароғӣ, Алишери Навоӣ, Бобур Мирзо, Комили Хоразмӣ, Абдурауф Фитрат, ҳамчунин Юнус Раҷабӣ, Файзулло Кароматов ва Исҳоқ Раҷабов идома меёбанд.

Фаъолияти шўроҳои махсуси илмие, ки ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ ва фалсафии санъати мақомро меомўзанд, такмил дода мешавад. Мо ба омода намудани кадрҳои баландихтисоси дорои дониши амиқ барои ин соҳа таваҷҷуҳи махсус медиҳем. Ба роҳ мондани низоми «мактаби мусиқӣ – мактаби махсусгардонидашуда – муассисаи таҳсилоти олӣ» барои таҳсили пайвастаи ҷавонони мо бар асоси барномаҳои мушаххас заминаи устувор фароҳам меорад.

Чанде пеш мо дар 21 самти фарҳанг ва санъат, аз ҷумла дар соҳаи мақом, иттиҳодияҳои эҷодӣ таъсис додем. Ин иттиҳодияҳо аз сатҳи поёнӣ – маҳалла – барои ҷустуҷў, дастгирӣ ва ошкор сохтани истеъдодҳои ҷавонони эҷодкор мусоидат хоҳанд кард. Минбаъд мо дар сатҳи маҳалла, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ озмунҳо баргузор менамоем, то ба эҷодиёти мақомсароёни ҷавон рўҳу нафаси тоза бахшем.

Дўстони азиз!

Айни ҳол дурдонаҳои «Шашмақом», матнҳои то ҳол омўхтанашуда ва сабкҳои нодири иҷрои мақомҳои Фарғона–Тошканд ва Хоразм барқарор карда мешаванд. Нашрияҳои бузурги илмӣ ва академӣ, инчунин бойгониҳои аудиоӣ барои чоп омода мегарданд.

Барои ба сатҳи нав баровардани ин корҳо, мо ба бунёди Маркази нодири мақом дар Тошканди Нав оғоз кардем. Шумо чӣ фикр доред, шояд онро Маркази ҷаҳонии мақом номида, дар назди он Академияи байналмилалии мақом таъсис диҳем?

Бовар дорам, ки ин кохи фарҳанг ба маркази бузурги илмию тадқиқотии ин навъи санъат табдил меёбад. Дар академия дар баробари мактабҳои мақоми ўзбекӣ, самтҳои мусиқии классикии шарқӣ – арабӣ, туркӣ, форсӣ, тоҷикӣ, ҳиндӣ ва дигар равияҳо низ таълим дода мешаванд. Дар ин ҷо барои ҷавонон аз тамоми ҷаҳон бар асоси усули «устод - шогирд» таҷрибаомўзиҳо ташкил гардида, барои ин ҳадаф грантҳои махсус ҷудо хоҳанд шуд.

Дар назди марказ Китобхонаи байналмилалии рақамӣ ва озмоишгоҳе бо дастнависҳои нодири мусиқӣ, сабтҳои аудиоӣ ва бойгониҳои нота таъсис дода мешаванд.

Хулоса, ҳамаи ин ба платформаи ҷаҳонии илмию академӣ табдил меёбад, ки донишмандони соҳа ва санъатшиносонро муттаҳид месозад.

Вақти он расидааст, ки маълумот дар бораи жанрҳои мусиқии классикии халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла мақом, муғом, муқом ва дастгоҳ, ба фазои ягонаи рақамӣ интиқол дода шавад. Дар робита ба ин, донишмандон ва арбобони санъатро даъват менамоям, ки Антологияи ҷаҳонии мақомро таъсис диҳанд. Дар ин ҳол, ҳамаи асарҳои мақом, сабтҳои нота, аудио ва видео, инчунин таҳқиқоти илмии соҳавӣ, ки дар ҷаҳон мавҷуданд, дар як платформаи ягонаи рақамӣ ҷойгир карда мешаванд. Ҳамчунин, барномаи мобилӣ оид ба иҷрои мақом роҳандозӣ гардида, хазинаи садоии он пайваста ғанӣ мегардад.

Ба фикрам, ки ҳунармандон ва мусиқишиносоне, ки дар форуми имрўза иштирок доранд, дар ин раванди муҳим саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Бо мақсади рушди таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи мақом ва дастгирии онҳо пешниҳод менамоем, ки Фонди махсуси байналмилалӣ таъсис дода шавад. Грантҳои ин фондро ба таҳқиқоти илмӣ, омўзиши сарчашмаҳои нодир, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҳавасмандгардонии моддии намояндагони соҳа ҷудо кардан мувофиқи мақсад аст.

Ҳамзамон, агар аз ҳисоби ин фонд Ҷоизаи байналмилалӣ таъсис дода шуда, ҳар ду сол ба донишмандон ва ҳунармандоне, ки дар рушди мақом саҳми бузург гузоштаанд, супорида шавад, ба назари ман, ин ҳам ба афзоиши маъруфияти ин навъи санъат хидмат хоҳад кард.

Дар минтақаҳо аз рўи шаш самти «Шашмақом» масири фарҳангӣ-саёҳатии «Роҳи мақом»-ро мекушоем. Масалан, кўчаҳои мавзўии сайёҳӣ: дар Бухоро – аз рўи мақоми «Бузрук», дар Самарқанд – «Рост», дар Хива – «Хоразм» ва «Ироқ», дар Қўқанд – «Наво», дар Шаҳрисабз – «Дугоҳ», дар Тошканд – аз рўи мақоми «Сегоҳ» ташкил карда мешаванд. Дар қаҳвахонаҳо ва тарабхонаҳо, боғҳо ва хиёбонҳо мақом садо хоҳад дод.

Агар ҳунармандони озарбойҷонӣ бо муғом, ҳунармандони турк бо муқом, ҳофизони тоҷик бо мақом, гурўҳҳои ҳунарии ҳиндӣ бо рага ва намояндагони қитъаи Африқо бо нуба, ки дар форуми мо ҳузур доранд, дар ташаккули масири фарҳангӣ-саёҳатии «Роҳи мақом» фаъолона иштирок намоянд, бовар дорам, ки шуҳрати байналмилалии мақом боз ҳам бештар хоҳад шуд.

Мо ба ансамбли «Мақом» ба номи Юнус Раҷабӣ, ки фонди тиллоии чунин асарҳоро офарида ва онҳоро васеъ тарғиб менамояд, мақоми Ансамбли давлатии миллӣ медиҳем. Итминон дорам, ки ин унвони баланд ба ҷамоаи пуршарафи эҷодӣ илҳом бахшида, барои муаррифии шоҳкориҳои санъати миллии мо дар саҳнаҳои ҷаҳон ба он неру ва тавони нав медиҳад.

Муҳтарам иштирокчиёни форум!

Дар даврони ҷаҳонишавӣ мақомро барҳақ метавон сарчашмаи ҳаётбахше номид, ки эҳсосоти наҷибро дар қалбу рўҳи инсон бедор намуда, ҷаҳони маънавии ўро зебо мегардонад.

Форуми байналмилалии санъати мақом, ки дар кишвари мо ба анъана табдил ёфтааст, имрўз ба як минбари бузурги муколама мубаддал гардидааст, ки тавассути он ин мероси ҷовидона ба наслҳои оянда интиқол меёбад. Итминон дорам, ки корҳое, ки мо дар ин самт оғоз кардаем, бо дастгирии афроде чун шумо, ки ҳаёти худро ба хидмати санъати зебо бахшидаанд, пайваста идома хоҳанд ёфт.

Дўстони азиз!

Қудрат ва тавоноии ҳар як давлат на танҳо бо сарватҳои иқтисодӣ ва захираҳои зеризаминии он, балки бо фарҳангу санъати волои он низ чен карда мешавад. Аз ин рў, имрўз мо ҳамроҳи шумо дар сатҳи байналмилалӣ ҷашни санъати мақом – ин ганҷинаи бебаҳои маънавиро таҷлил менамоем.

Бовар дорам, ки пешниҳодҳое, ки дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ, ки дар доираи форум баргузор мешавад, ироа мегарданд, инчунин ҳунарнамоии иҷрокунандагони боистеъдод дар рушди ин соҳа саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Имрўз ҳамаи мо як орзу дорем: бигзор ҳар як калимаи мақом ба сулҳ хидмат кунад, ҳар як оҳанги он дўстӣ ва бародарии байни халқҳоро таҳким бахшад, ҳар як садои он ба наслҳои оянда неруи маънавии бепоён ато намояд.

Сеюмин Форуми байналмилалии санъати мақомро кушода эълон менамоям.

Ба ҳамаи шумо саломатии бардавом, илҳом, дастовардҳои нави эҷодӣ ва дар кори форум комёбиҳо орзу менамоям.

# БИМОН АНДАР ҶАҲОНИ «ШОҲНОМА»




(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).

**ЗОЛИ ЗАР** – фарзанди Сом. Вақте таваллуд ёфт, мўйҳояш сап-сафед буданд. Сом аз шарм кўдакро ба қуллаи кўҳи Албурз баровард, паси харсанге гузошт ва қафо гашт. Вале тифл амон монд – Симурғ ўро парвариш сохт. Солҳо гузаштанд, Зол ба ҷавони паҳлавон табдил ёфт.

Сом дар хоб дид, ки писараш зинда аст. Ба кўҳи Албурз баромад, писарашро кофта ёфт, ба Симурғ изҳори миннатдорӣ намуд ва хост Золро бо худ оварад. Симурғ розӣ шуд. Аснои хайрухуш бо Зол як пати худро дод ва гуфт дар вақти ба сарат омадани мушкилӣ ҳаминро сўзонӣ, ман ҳозир мешавам.

**ЗОЛ** ва **РУДОБА.** Сом мансабашро ба Зол супурд. Аснои шиносоӣ бо мамлакат Зол дар Кобул духтари Меҳробшоҳ – Рудобаро дид ва ошиқ шуд, бо душвориҳо ба мақсад расид.

Давраи ҳомилагии Рудоба душвор мегузашт. Зол ба ташвиш афтод, пати Симурғро ба дами оташ бурд, дуд кунонд. Симурғ ба мадад расид ва гуфт: «Фарзандат паҳлавони бемисл мешавад. Вақте дами таваллуд расид, Рудобаро бо май маст карда, шикамашро чок кун, бачаро барор».

**РУСТАМ.** Вақте бачаи азаматеро ба дунё овард, Рудоба: «Ба Худо шукр, растам, растам!» (яъне халос шудам), гўён садо баровард. Ба тифл, ки бо шири модар сер намешуд, Рустам ном ниҳоданд. Чанд доя ўро парвариш кард. Зуд калон мешуд. Ҳанўз хурдсол буду чун паҳлавон шуҳрат пайдо мекард. Дар бачагӣ бо гурз ба сари фили сафеди ваҳшӣ зад ва ҳалок намуд. Рахш ном аспро ба худ ром кард. Ин аспи афсонавӣ ба кулли саргузашт ва қаҳрамониҳояш ҳамроҳ гашт. Баъдтар ба ҳимояи диёр хест, дар набардҳо корномаҳои беназир нишон медод.

**НАВДАР** – ҳукмдори баъди вафоти Манучеҳр ба тахт баромада. Мустабид, ки буд, сарлашкарҳо хостанд аз тахт фуроранд. Аммо Сом ба номуросоиҳо барҳам зад, Навдарро ҳимоя намуд.

Баъди вафоти Сом байни Эрон ва Тўрон мубоaccess ризаҳо авҷ гирифтанд. Афросиёб Навдарро асир гирифт ва қатл намуд.

**ЗОВА.** Навдар ду писар дошт – Тус ва Густаҳм. Зодагон онҳоро ба тахт номуносиб шумурданд ва ба сари Зова, ки авлоди Фаридун буд, тоҷ гузоштанд. Зова кухансол буд, дере нагузашта вафот кард, тахт бесоҳиб монд.

**КАЙҚУБОД** ва **КАЙКОВУС**. Рустам аз кўҳи Албурз Кайқубодро, ки ҳанўз ҷавон бурд, овард. Подшоҳ таъин карданд. Вай ду писар дошт – Кайковус ва Кайхусрав.

Кайкувус нодон ва якрав буд. Вай ба Зол ва дигар паҳлавонҳо гўш наандохта, дар Мозандарон ба ҷанги девон пардохт. Деви сафед ўро кўр ва лашкарашро асир намуд. Рустам ба мадад бархест, сардори девҳо Аржанро кушт, девони дигар гурехтанд. Кайковус ва паҳлавонон Гударз, Тус ва Гевро, ки ўро ҳамроҳӣ мекарданд, озод намуд. Табибҳо гуфтанд, агар деви сафедро кушанд ва хунашро ба чашми Кайковус моланд, марҳам шуданаш мумкин. Рустам деви сафедро кушт ва гуфтаи табибҳоро кард. Кайковус бино гашт.

Бо мадади Рустам Кайковус ба тахт нишаст. Аммо зуд ба кибру ҳаво дода шуд. Хост бо тахт ба осмон бипарад. Уқобҳо тахтеро, ки Кайковус нишаста буд, бардошта, парвоз карданд. Аммо бардошт карда натавонистанд – тахт ва подшоҳ сарозер рафт. Баъди он дар мамлакат воқеаҳои нохуш авҷ гирифтанд.

**РУСТАМ** ва **ТАҲМИНА**. Рустам аснои сафар духтари ҳокими Самангон – Таҳминаро дид ва дўст дошт. Хонадор гашт. Аммо бинобар авҷ гирифтани ҷангу ҷидол бо Таҳмина вақти зиёд истода натавониста, ба ҷанггоҳ рафт.

Таҳмина писар таваллуд кард ва Суҳроб ном гузошт.

Суҳроб мисли падараш тануманд буду шуҷоъ. Вай ба муқобили шоҳи Эрон ба ҷанг рафт ва ба Рустам, ки аз ҷониби Кайковус меразмид, рўбарў омад. Ҳамдигарро нашинохта, ба ҷанг даромаданд. Суҳроб сахт маҷруҳ гашт, дилаш гувоҳӣ дод ин паҳлавон падари худаш. Нишонаи модараш додаро нишон дод. Рустам донист ҷавоне, ки дар дами марг аст, ҷигарбанди худаш. Дар оташи доғу ҳасрат сўхт, аз Кайхусрав илтиҷо намуд доруи шифобахшро диҳад, аммо подшоҳ, аз тарси он ки падару писар як шуда, ба сараш кулфат наоранд, нўшдоруро надод. Суҳроб ҳалок гашт.

**СИЁВУШ** – писари Кайковус, ҳафтумин подшоҳи сулолаи Каёниён. Аз Тўрон, аз авлоди Фаридун буд модараш. Паҳлавонҳо Тус ва Гев дар ҷангалзор духтари зебои тўрониро дучор шуда, ба Эрон оварда, ба подшоҳ туҳфа мекунанд. Зебои тўронӣ аз подшоҳ фарзанд ёфт, номашро Сиёвуш гузоштанд. Вале мунаҷҷимон хуб набуданиояндаи тифлро пешгўӣ мекунанд.

Сиёвушро Рустам тарбия мекунад. Болиғ шуда, ба дарбори падар меояд ва Судоба – зани Кайковус, ки модари ўгай ҳисоб меёфт, ба вай ошиқ мешавад. Маккора, ба мақсади нопок расида натавониста, ба ў туҳмат мекунад. Сиёвуш барои исбот кардани бегуноҳиаш аз байни оташ мегузарад ва амон мемонад. Диёрро тарк карда, ба Тўрон, ба дарбори Афросиёб меояд. Фарангис – духтари Афросиёбро ба занӣ мегирад. Писар меёбад. Кайхусрав ном мегузоранд.

Афросиёб бо фитнаи додараш Гарсеваз Сиёвуши бегуноҳро қатл менамояд. Паҳлавон Гев ба Тўрон омада, зан ва кўдаки Сиёвушро озод мекунад ва ба Эрон меоварад. Рустам Судобаро мекушад ва Тўронро забт менамояд. Афросиёб мегурезад.

**КАЙХУСРАВ** – писари Сиёвуш, набераи Кайковус, дар Эрон соҳиби тоҷу тахт мешавад. Вай, айни замон, набераи Афросиёб аст. Бо вуҷуди ин, ҷангҳо байни Эрону Тўрон бештар шиддат меёбанд. Рустам Ашкбус ва дигар паҳлавонони Афросиёбро маҳв мекунад. Кайхусрав ниқори падарашро аз бобои бадкирдори ҷониби модариаш меситонад – бо амри ў Афросиёб қатл карда мешавад.

(Давом дорад).

**Муҳаммадҷон ШОДӢ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

# ОЛИМЕ, КИ ИЛМ ДАР ДИЛАШ ОШЁН ГУЗОШТААСТ

***Гуфтугў бо доктори илми фалсафа оид ба улуми суханшиносӣ, раиси Бунёди байналмилалии ба номи Алишери Навоӣ, директори Пажўҳишгоҳи масоили иҷтимоиву маънавӣ, соҳиби унвони Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ўзбекистон, профессор Олимҷон ДАВЛАТОВ.***

**– Олимҷон, дер боз мехостам бо Шумо суҳбати озоде дошта бошам. Чанде қабл бино ба фармони роҳбари мамлакат бо унвони Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ўзбекистон сарфароз гардидед. Хуҷаста бод! Дар ибтидо мехостем бидонем, ки ҷиҳати камолоти маънавӣ ва илмии Шумо киҳо саҳм гузоштаанд? Аз нигоҳи Шумо дар ташаккули инсон муҳити оила чӣ нақше дорад?**

– Нахуст, барои табрик ташаккур. Воқеан, агар даҳ сол қабл аз ин хабари Корманди шоистаи фарҳанг шудани ҷавонмарде, ки дар Тоҷикистон таҳсил кардаву миллаташ тоҷик аст ва солҳо боз дар ҷодаи илм сару кор дорад, ҳамчун як ҳодисаи овозадор талаққӣ мешуд, имрўзҳо, дар замони Ўзбекистони навин, қадрдонии аҳли илму фарҳанги тоҷик як ҳодисаи муқаррарист. Тавре ҳазрати Румӣ фармудаанд:

*Биё, то қадри якдигар бидонем,*
*Ки то ногаҳ зи якдигар намонем...*

Дар айёми зиндагӣ ва дар айни авҷи камолоти эҷодӣ сарфароз гардидан бо ин унвон, албатта, бахт аст. Ва дар ҷодаи илм сарсупурда буданам, яке аз орзуҳои волидайни гиромиям мебошад. Ба маъное муҳити хонаводаи мо ба сари худ бахше аз адабиёт, фарҳангу маънавият буду ҳаст. Шояд худситоӣ бигўед, лекин ҳақиқат аст, ки то ҳанўз дар оилаи мо фазои фарҳангии асримиёнагӣ пойдор мебошад. Падару модарам, ки омўзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик ҳастанд, ҳамеша суҳбату баҳсҳои мо дар атрофи шеър, адабиёт, сухани бадеӣ, қадри сухан сурат мегирифт. Ва қариб рўзе набуд, ки дар хонаи мо ҳофизхониву саъдихониву ҷомихониву фирдавсихонӣ доир нагардад. Аввалин китобе, ки ҳанўз дар айёми кўдакӣ мутолиа намудам, достонҳои «Шоҳнома» дар нигориши устод Сотим Улуғзода буд. Ва ҳамин боис шуд, ки дар дилам ба китоб, мутолиа ва донишандўзӣ меҳр пайдо шавад. Вақте инсон аз овони кўдакӣ мебинад, ки ҳамсолон ва калонсолон ба одамони китобхон эҳтироми хос доранд ва дарк месозад, ки он ҳама гиромидошту эъзоз ба шарофати китобдўстиву китобхонӣ аст, дар зеҳну дили ў нисбат ба ин анису дўсти беғараз меҳру дилбастагии бештар пайдо мешавад. Ва маҳз ҳамин боис шуд, ки шояд аз синни 5-6 солагӣ то имрўз китоб ҳамсафари доимии инҷониб аст.

Шоир Бозор Собир рўзгоре бо ифтихори ҳузнангез гуфта буд:

*Дар пушти ман авлиё набуд, пир набуд,*
*Девори баланду кўҳи Помир набуд,*
*Дар пушти сарам латтамазорон буданд,*
*Бо латтаи пора-пораи сурху кабуд.*

Аммо ман бо эҳтироми пурифтихор метавонам бигўям, дар масири зиндагӣ устодони нексиришт такягоҳи маънавӣ ва раҳнамои камина буданд.

Солҳое, ки дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон таҳсил мекардам, боди ҷанги бародаркуш шамъи умеди мардумро кушта буд. Мардум аз пайи пораи ноне ҳар тараф сарсону парешон буданд. Дар ҳамон солҳои нобасомон низ устодони мо ҳар рўз ба дарс меомаданд ва рисолати устодии худро шарафмандона анҷом медоданд. Хушбахтам, ки аз файзи суҳбатҳо ва маърўзаҳои Матин Ҳусейнзода, Фарҳод Деҳотӣ, Фия Исоева, Ҳалим Муъминов, Додихудо Саймиддин, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Абдулҳай Маҳмадамин ва дигар сарсупурдагони илму фарҳанг баҳравар шудаам.

Тошканд саввумин мактаби ман дар ҷодаи илм ва ҳаёт аст. Алалхусус, нақши устоди равоншодам – аллома Наҷмиддин Комилов беназир аст. Ў ҳамеша мегуфт: «Муҳим он нест, ки ба кадом забон рисолаи илмӣ менависӣ, муҳим он аст, ки чӣ навгоние ба дунёи дониш изофа мекунӣ». Ин панди устод қутбнамои кору эҷоди инҷониб буду ҳаст.

**– Ба сифати адабиётшиноси варзида оё гуфта метавонед, ки алҳол дар кишвари мо навоишиносӣ то куҷо рушд кардааст?**

– Бояд гуфт, ки асри XX асри шинохт, таҳқиқ ва муаррифии Мир Алишер Навоӣ буд. Дуруст аст, ки дар асрҳои миёна низ на танҳо дар қаламрави Мовароуннаҳр, балки дар Хуросон ва берун аз он низ «Девон»-и ашъор ва «Хамса»-и Навоиро мутолиаву китобат мекарданд. Ҳоло дар ганҷинаҳои маънавии мамолики мухталифи дунё зиёда аз панҷ ҳазор нусхаи хаттии осори Навоӣ маҳфуз аст. Дар ин маврид таъкиди як нукта ҷоиз аст. Соли гузашта, вақте мо дар Симпозиуми байналмилалии Алишер Навоӣ ва Ҷалолуддини Румӣ дар шаҳри Қунияи Туркия ширкат доштем, яке аз олимони варзидаи Босния ва Ҳерсеговина Мунир Мукртич дар бораи яке аз нусхаҳои нодири осори Навоӣ дар Сербия маълумот дод. Олимае аз Албания роҷеъ ба нусхаҳои дар асри XVI китобатшудаи «Маҷолис ун-нафоис»-и Навоӣ ва тарҷумаҳои форсии он дар ин кишвар як маърўзаи пурмуҳтаво кард. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нусхаҳои осори Навоӣ дар чор қитъаи рубъи маскун мавҷуд аст ва дар асрҳои миёна Навоӣ дар радифи Хоҷа Ҳофизу Саъдиву Фузулӣ аз серхонандатарин шоирони давру замон ба ҳисоб мерафт.

Аммо танҳо пас аз солҳои 1925-30-юми асри гузашта навоишиносӣ ҳамчун як риштаи мустақили адабиётшиносии ўзбек рушд кард. Бояд гуфт, ки дар ташаккул ва таҳаввули навоишиносӣ дар минтақа олимони тоҷик ҳам саҳми арзанда гузоштаанд. Масалан, олимоне чун Садриддин Айнӣ ё Абдулғанӣ Мирзоев то ба ҳол дар радифи олимони пешсафи навоишиноси ҷаҳон шинохта мешаванд. Пас аз солҳои истиқлол низ навоишиносӣ рушд кард, аммо аз сари инсоф бояд бигўем, ки дар замони Ўзбекистони Нав навоишиносӣ ба марҳилаи нави рушд расид. Имрўз орзуҳои устодони мо амалӣ мешаванд. Чаҳор ҷилди «Энсиклопедияи Навоӣ» ба чоп расид. Имрўз Бунёди ҷамъиятии байналмилалии ба номи Алишер Навоӣ, ки сарварияшро банда ба уҳда дорам, бо қарори Президент ба таҳия ва нашри садҷилдаи осори Навоӣ пардохтааст ва феълан зиёда аз чил ҷилди он ба чоп расид.

**– Аз нигоҳи Шумо олимони ҷавон барои ворид шудан ба олами маънавии Алишер Навоӣ ва тадқиқи шоиставу боистаи шоҳасарҳои ў бояд бо чӣ донишҳо мусаллаҳ бошанд? Шахсан инҷонибро тадқиқоти баъзе олимон дар ин росто қонеъ намегардонад. Чунин ба назар мерасад, ки «тадқиқот»-и онҳо ба ахбори адабӣ монанд аст. Фикр мекунам, ҷавобҳои тўлонӣ ба суолҳое чун «Навоӣ чанд сатр ё чанд байт иншо кардааст?», «Чӣ миқдор пулу ҳаммом созонд?», «Дастхати осори ў дар кадом китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд?» ба қимати мақола ё асари илмӣ намеафзояд. Барои дарку баррасии моҳияти осори Навоӣ барин шоирони ориф муҳаққиқ, дар баробари вуқуфи комил доштан аз саноати бадеӣ, бояд маърифати исломӣ низ дошта бошад...**

– Устод Лоиқ дар шеъри «Ифтихор ва эътироз»-и хеш фармудааст:

*...номзадчаҳое,*
*ки аз савлаташон осиё мегардад,*
*докторчаҳое,*
*ки аз ҳайбаташон*
*замин меларзад...*
*оҷизанд*
*байтеро,*
*талмеҳеро*
*маъно кунанд*
*аз Бедил...*

Имрўз мо ба бисёр касоне вомехўрем, ки дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Навоӣ ё дигар шоирони классик рисолаи номзадӣ ё докторӣ дифоъ мекунанд, аммо наметавонанд байте ё образу тимсолеро аз осори онҳо саҳеҳ маънидод намоянд, ба умқи эҷодиёташон бирасанд. Ва маҳз дониши сатҳӣ доштан, эҳсос накардани моҳияти сухани адабӣ боиси чунин ҳолат мегардад. Биёед, дар мисоли достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ бигирем. Танҳо то асри XV ба ин достони маъруф беш аз 37 маротиба назира ё ҷавобия навишта шудааст.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ОЛИМЕ, КИ ИЛМ ДАР ДИЛАШ ОШЁН ГУЗОШТААСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Яъне, Навоӣ ба туркӣ, Амир Хусрав, Ҷомӣ ё дигарон ба форсӣ ба ин достон ҷавоб гуфтаанд. Вақте ин достонҳоро мехонем, пай мебарем, ки онҳо хатти сужети на он қадар мураккаб доранд. Яъне як воқеаи одӣ ба риштаи назм кашида шудааст. Аммо дар адабиёти классикӣ, аз ҷумла, дар асрҳои миёна тасовир, тарзи суханпардозӣ, баёни мавзӯъ, санъатҳои бадеӣ, матбӯъ будани тарзи баёну ифода, инчунин, тасвирҳо дар сатҳи олӣ буд. Бигирем, вохӯрии Лайлӣ ва Маҷнунро дар дашти беобу гиёҳи араб, ки Низомӣ, Ҷомӣ, Навоӣ ва дигар шоирон онро тасвир кардаанд. Тасвирҳо чунон зебоянд, ки ҳатто мусаввир наметавонад онро ин гуна мӯшикофона ва дақиқназарона ба амал оварад. Ва барои бо сухан зинда кардани образҳо, идроки зебоиҳои табиату тасовир ва таҳқиқи маҳорати бадеӣ, ҳар як хонанда бояд дар ниҳоди хеш завқи бадеӣ дошта бошад, аз тасвирҳо лаззат бибарад ва моҳияти онҳоро амиқ дарк карда тавонад.

Ин чӣ гуна даст медиҳад? Танҳо дар он ҳол имконпазир хоҳад буд, ки агар мо дар бораи муҳити адабии асрҳои миёна дониши амиқ дошта бошем. Аммо афсӯс, тавре ки шумо гуфтед, мо танҳо дар асоси ҳамон маълумоти статистикӣ гӯё дар бораи мутафаккирони асрҳои миёна таҳқиқоти илмӣ анҷом медиҳем. Ин худфиребие беш нест. Ба ин хотир, ҳоло огоҳӣ доштан аз маърифати исломӣ ё санъати бадеӣ лозим ва ногузир аст. Бертелс низ дуруст гуфтааст, ки «барои вуқуфи комил доштан аз осори Навоӣ ва дарки Навоӣ бояд аз китобхонаи ӯ баҳраманд гардид». Яъне китобҳоеро, ки Навоӣ хонда буд, бояд






аввал мо ҳам бихонем ва танҳо пас аз он ба омӯзиши Навоӣ пардозем. Аммо касе, ки Қуръон нахондааст, ҳадисро намедонад, аз Ҳофиз, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ё Шайх Фаридуддини Аттор бехабар аст, наметавонад аз дарсхонаи Навоӣ сабақе гирифта бошад. Ба ин хотир, моро лозим аст, ки пеш аз ҳама китобҳоеро, ки Навоӣ мутолиаву баҳрабардорӣ кардааст, аз онҳо таъсирпазирӣ намудааст, бихонему бидонем. Бояд гуфт, ки дар сафи аввали ин китобҳо Қуръони Карим ва аҳодиси набавӣ меистад.

**– Боре бо олими ҷопонӣ Шизуо Шимада, ки мавзӯи илмиаш ба гӯиши тоҷикони Самарқанду Бухоро иртибот дошт, суҳбати ҷолиб доштем. Ӯ дониши фарох дошт. Зимни суҳбат пурсидам, ки «Унвони илмӣ дорӣ?». Гуфт: «На, дар Ҷопон унвони илмӣ гирифтан кори басе сангин аст. Агар кори илмии олим ба истеҳсолот ё дигар соҳаҳои зиндагӣ як андак суд набахшад, ба ӯ унвони илмӣ намедиҳанд. Баъзе олимон аз дунё бе унвон мегузаранд». Ба хотири пешрафти мамлакат, магар намешавад дар мо низ чунин қоида ба роҳ монда шавад?**

– Пеш аз ҷавоб гуфтан ба ин савол, яъне дар бораи унвони илмӣ ва олим будан, мехоҳам воқеаеро нақл кунам. Чанд сол муқаддам, вақте ки мо китоби «Донишномаи Навоӣ»-ро омода мекардем, хостем дар иловаи китоб дар бораи диссертатсия, яъне рисолаҳои номзадиву докторие, ки перомуни рӯзгор ва осори Мир Алишер Навоӣ дар Ӯзбекистон ҳимоя шудаанд, маълумоти фишурдае бидиҳем. Дар ин феҳрист беш аз 137 кори номзадиву доктириро ҷой додем. Баъдан, фурсат даст дода, онҳоро омӯхтем ва дар анҷом гурӯҳи олимон ба чунин хулоса омадем, ки аз 137 диссертатсия танҳо ҳафт ё ҳашт рисола аз ғалбери замон гузаштаасту халос. Дигар ҳама ба боди фаромӯшӣ рафтаанд. Ва имрӯз ҳам чунин аст. Ҳоло дар Ӯзбекистон зиёда аз 30 ҳазор номзад ва докторони илм ҳастанд. Аммо мо 30 ҳазор олим надорем. Олим будан дигар асту доктор ё профессор будан дигар.

**– Сифати таълим ҳамеша дар мадди назари роҳбари давлатамон аст. Ба ин хотир, дар кишварамон муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва олии муҷаҳҳаз бо технологияи муосир бунёд мегарданд, ки фараҳбахш мебошад. Вале сифати таълим ғайриқаноатбахш боқӣ мемонад. Аксарияти шогирдон, баъди хатми мактаб, ба сари худ тарҷумаи ҳол, ариза, иншо ё нақли хаттӣ навишта наметавонанд. Олимони жарфбин бар онанд, ки бояд механизми таълими забон ва адабиёт дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ куллан тағйир дода шавад. Шумо дар ин бобат чӣ назар доред?**

– Сад сол пеш, яъне, дар оғози асри ХХ рӯшанфикрону зиёиён ё худ ба ибораи имрӯз гӯем, ҷадидҳо алайҳи бесаводии мардум мекӯшиданд. Аммо пас аз сад сол, яъне дар оғози чоряки дувуми асри XXI низ вазъият он қадар тағйир наёфтааст. Агар дар он айём ҷадидон ва пешиниёни тозаназарамон алайҳи бесаводӣ мубориза бурда бошанд, имрӯз мо бояд бар зидди чаласаводӣ, кӯрдилӣ, алайҳи таассуб ва ҷаҳли мураккаб мубориза барем. Бояд гуфт, ки мубориза бар муқобили бесаводӣ осонтар аст аз талош барои барҳам додани чаласаводӣ. Ва имрӯз иншо ё нақли хаттӣ навишта натавонистани мардум, як сухани мураттабу бомантиқ гуфта натавонистани бархе аз чеҳраҳои маъруф, шахсони ба ном рӯшанфикру кормандони фарҳанг як дард, як мавзӯи доғи рӯз аст. Шояд иншо ё нақли хаттӣ гирифтан ба ҳалли ин мушкил то ҳадде кумак расонад, аммо сад афсӯс, ки ҳоло ҳатто он равшанфикроне, ки як замон бо навиштани иншову нақли хаттӣ ё диктант ба мактабҳои олӣ дохил шуда буданд, наметавонанд озодона ҳарф зананд. Аз ин рӯ, фикр мекунам, ки мо бояд равишу усулҳои нав ва муосири омӯзиши забон ва адабиётро роҳандозӣ намоем. Чунки имрӯз мо дар асоси методика, яъне услубиёти мардуми Ғарб бештар ба тафаккури интиқодӣ эътибор медиҳем. Ба масъалаи бо роҳи аз ёд кардан мустаҳкам намудани қувваи ҳофиза камтар таваҷҷуҳ менамоем. Аммо вақте мо ба тарзи таълим дар асрҳои миёна ё худ дар мадрасаҳо, ё бигирем, дар раванди таҳсилотии Эрон диққат мекунем, аён мегардад, ки онҳо ҷавононро маҷбур мекунанд, то матнҳои классикии адабиро ҳифз намоянд.

**– Шумо тӯли чанд соли фаъолият таълифоти зиёде анҷом додаед. Дар ин хусус ва нақшаҳои худ, ба таври фишурда, маълумот медодед...**

– Тӯли солҳои фаъолият якчанд таълифотро анҷом додем ва боз назди худ мақсадҳои бузург дорем, ки зина ба зина амалӣ хоҳем кард. Агар дар бораи нақшаҳои имсола бигӯям, омодасозӣ ва чопи чанд китоб дар назар аст. Яке аз онҳо ба анҷом расонидани сенарияи филми бадеии «Алишер Навоӣ» мебошад. Дигаре омода ва ба табъ расонидани «Хамса»-и Ҷамолии Табрезӣ аст, ки дар оғози асри XV милодӣ бо амри Бойсунғур Мирзо иншо шуда, яке аз намунаҳои хамсанависии аҳди Темуриён ба шумор меравад. Инчунин, аз Китобхонаи Бодлиян нусхаи хаттии «Хамса»-и Ашрафи Мароғиро, ки дар замони иншои таълифоти Мир Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ба анҷом расидааст, дастрас кардем. Ҳоло онро комилан ба ҳуруфи имрӯз баргардондем ва ният дорем то анҷоми сол чоп кунем. Ва дигаре аз нақшаҳо интишори 40 ҷилди навбатӣ аз осори садҷилдаи Навоӣ мебошад. Агар умр вафо кунад, боз чанд нақшаи дигар дорем, ки ҳоло ба анҷом нарасидааст ва аз гуфтан дар ин бора беҳтар аст, ки худдорӣ кунем.

***

Мавлоно Ҷалолуддин Балхии Румӣ фармудааст:

*Илмро бар тан занӣ, море бувад,*
*Илмро бар дил занӣ, ёре бувад.*

Олими Инсон ва инсони Олим – Олимҷон Давлатов аз зумрае олимонест, ки илм дар дилаш ошён гузоштааст.

**Абдулло СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҲАМВУҶУД БО ӮЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Машаққате, ки бинобар мушкилоти роҳ халқи Сӯх кашид, қариб 20 сол давом кард. Дар ҳаёти иҷтимоии ноҳия муаммоҳо ғун, аҳволи аҳолии бумӣ вазнин, пояҳои иқтисодӣ ниҳоят заиф шуда буданд.

Бо ба сари қудрат омадани роҳбари кунунии давлати мо, хушбахтона, вазъ тағйир ёфт, инак, душвориҳо дар ноҳия низ батадриҷ ҳалли худ меёбанд. Сарзамине, ки солҳои дароз ба гӯшаи фаромӯшӣ афтода буд, алалхусус, ноҳияе, ки имкониятҳои нақлиётиву логистикӣ дар он куллан маҳдуд буданд, мавриди эътибори алоҳидаи роҳбари давлат қарор гирифтааст.

Бинобар иродаи қатъии сиёсии Президентамон ба иқлими Осиёи Марказӣ ҳавои мусоид ворид гашт. Ҳамкориҳои минтақавӣ ба роҳ гузошта шуданд. Муносибатҳоямон, аз ҷумла, бо Қирғизистон нарм шуд. Барои рушди маҷмӯӣ дар Сӯх низ имкониятҳои нав фароҳам омаданд.

Дар нимаи аввали соли 2020 бо супориши сардори давлат аъзои ҳукумати ҷумҳуриамон ба Сӯх ташриф фармуда, мушкилоти воҳаро омӯхт. Ба ҳолати аслии 27 ҷамоати шаҳрвандӣ дар ноҳия равшанӣ андохта ва чӣ намерасад, чӣ гуна инфрасохтор лозим, аниқ гардонда шуд. Аъзои ҳайат реҷаҳо кашиданд, таъҷилӣ ба ҳалли масъалаҳо шурӯъ сохтанд.

Аз ҷумла, барои оби нӯшокӣ бештар аз 20 километр, барои гузаронидани барқ – 79 километр, барои барқарории робита 71 километр қубур ва кабелҳои нахӣ кашида шуданд. Мақсад гузошта шуд оияндаи наздик барои пурра таъмин намудани аҳолӣ ба оби нӯшокӣ дарозии нуқтаҳои обгузар ба 275 километр расонида шавад. Барои ин 108 миллиард сӯм ҷум ҷудо карда шуд. Барои таъмини аҳолӣ ба гази табиӣ ва моеъ низ чораҳо андешида шуданд.

Дар бораи такомули нуқтаҳои роҳӣ-нақлиётӣ ва коммуникатсияҳои муҳандисӣ ҳам чунин фикрҳоро гуфтан мумкин.

Бо дигарбора кушода шудани роҳи автомобилгарди Сӯх–Риштон мардум нафаси озод кашид.

Роҳҳои нави автомобиливу ҳавоӣ кушода шуданд. Тартиби убур аз сарҳад сода ва сабук гардонда шуд.

Беҳуда нагуфта будаанд, ки роҳат кушода бошад, бахтат кушод аст.

Алъон мардуми Сӯх ва ҳамсоягони дуру наздики он гӯё дар роҳҳои дӯстӣ қадам мезананд, равуо ва дидорбиниҳо ба мустаҳкамшавии риштаҳои меҳру оқибат мусоидат менамоянд.

Маълум, ки қисми асосии ҳудуд аз кӯҳсор иборат. Заминҳои корам хеле кам. Кишоварзон наметавонанд аҳолии ноҳияро бо озуқа таъмин созанд. Бинобар ҳамин навъҳои асосии озуқаворӣ аз ҳудудҳои дигар оварда мешаванд. То дараҷае ҳал шудани муаммоҳои нақлиётиву логистикӣ имконият фароҳам овард, ки дастархони мардум фаровон гардад. Масолеҳи сохтмон низ дар дуконҳо арзонтар шуд, ободгариҳо гувоҳ бар он ки сатҳи зиндагии мардум рӯ ба беҳӣ ниҳода. Соҳибкорони маҳаллӣ аз имтиёзҳое, ки давлат барояшон офарида, оқилона истифода менамоянд. Кӯдакистонҳо, дабистонҳо, поликиникаҳо, биноҳои маъмуриву иҷтимоӣ ва манзилҳои истиқоматии нав барпо шуда, Сӯх торафт ба таври шинохтанашаванда тағйир меёбад. Дар баробари кӯчаҳои марказӣ тангкӯчаҳо дар ҳудудҳои дурдаст низ мумфарш мегарданд.

Мувофиқи қарори махсуси Президент «Дар бораи чораҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии маҷмӯии ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона дар солҳои 2020-2021» инак, 6 сол аст дар зодгоҳам тарзи зисти шаҳрвандон торафт рӯ ба хубӣ мениҳад, шахсони ҷисмониву ҳуқуқӣ дар пардохти андози замин ва молу мулк аз имтиёзҳо истифода менамоянд. Барои соҳибкорони якка низ сабукиҳо фароҳаманд. Барои барпои манзилҳои зист вомҳои ипотека ҷудо карда мешаванд.

Навъе зикр кардем, Сӯх воҳаест камзамин, бинобар ҳамин барои ба кишоварзӣ машғул шудани сӯхиён аз ноҳияҳои Ёзёвон, Қӯштеппа, Бағдод, Риштон ва Бувайда замин ҷудо ва барояшон дар асоси кредитҳои ипотека квартираҳо дода мешаванд.

Алъон дар 25 маҳаллаи ноҳия наздик 88,6 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат менамояд. Дар ҳудуд 29 муассисаи таълими томактабӣ, 33 дабистон, дуто муассисаи таълими миёнаи махсус, 14-то муассисаи нигоҳдории тандурустӣ, ду объекти маданият фаъолият мебаранд.

Танҳо дар давоми соли гузашта 13 ҳазору 921-то ҷои нави корӣ офарида ва 1 ҳазору 667 оила аз камбағалӣ бароварда шуд. Дар баробари ҳамин дараҷаи камбағалӣ 7,9 фоиз, бекорӣ 5,5 фоизро ташкил намуд. Чунин нишондиҳанда аз дараҷаи миёнаи ҷумҳурӣ баландтар аст.

Дар ҷамъомаде, ки роҳбари давлат доир кард, мутасаддиён маълумот доданд, ки дар соли равон ба ноҳия ҷалб намудани сармоя ба андозаи 40 миллион доллари амрикоӣ, айни замон, таъмини содирот дар ҳаҷми 15 миллион доллар ба нақша даромадааст. Аз ҳисоби ҳамин интизор меравад ҳаҷми саноат 9 фоиз, хидматрасонӣ 17,1 фоиз, кишоварзӣ 7,6 фоиз боло равад.

Дар ҷамъомад ба масъалаи сайёҳӣ аътибори алоҳида нигаронида шуд. Таъкид ёфт соҳаи мазкур бояд ба яке аз драйверҳои иқтисодиёт табдил дода шавад. Масалан, дар деҳаҳои Сарикандa, Ровон ва Истиқлол, ки дар соҳили дарёи Сӯх ҷойгиранд, барои барпои объектҳои нави сайёҳӣ имкониятҳо мавҷуданд. Дар баробари ин дар ин ҷо баҳри ташкил намудани кластерҳои хидматҳои тиббӣ шароит мусоид мебошанд.

Барои ба соҳаи сайёҳӣ ва хидматрасонӣ ҷалб намудани 60 миллион доллар сармоя, ташкил намудани 2 ҳазор ҷои нави корӣ, то 15 миллиард сӯм боло бардоштани ҳаҷми хидматҳои сайёҳӣ, ба 2 миллион доллар расонидани салоҳияти экспорт саъй карда мешаванд.

Аз ҳама муҳимаш, дар ҷамъомад фикру мулоҳизаҳое баён шуданд, ки қабл аз ҳама ба беҳтар намудани тарзи зисти солим ва некӯҳолии аҳолӣ, офаридани шароити хуби меҳнатӣ, барпои инфрасохтори қулай, ривоҷ додани соҳибкорӣ ва дигар масъалаҳои ҳаллашон таъхирнопазир нигаронида шудаанд.

Айни замон дар кулли маҳаллаҳо ҷамъ 300 микролоиҳа корбаст гардида ва ба 8,6 ҳазор нафар ҷавонон асрори касбу ҳунар омӯзонда мешавад. Ба ин лоиҳаҳо аз ҷониби бонкҳо ҷамъ 64 миллиард сӯм захираи вомӣ сафарбар мегардад. Барои объектҳои иҷтимоиву инфрасохтор барилова 74,5 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Масъалаҳои нақлиётиву логистикӣ чун ҳамеша дар маркази диққат аст. Барои ба дигар ҳудудҳо пайвастани ноҳия, сабукгардонии убури сарҳадҳо ва васеънамоии робитаҳои иқтисодӣ чораҳо андешида мешаванд.

Мутахассисон мегӯянд, бинобар он ки даромади асосии аҳолӣ аз кишоварзист, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ба соҳа аҳамияти муҳим касб менамояд. Дар 425 гектар мавзеи Қайроқ барпои боғҳои меванок, дар 60 гектар маҳаллаи Чашма офаридани плантатсияҳои заъфарон, дар 100 гектар хоҷагиҳои Озод ва Сӯх ба роҳ гузоштани кишти картошка мавриди назар аст. Дар маҳаллаи Навобод рушди моҳипарварӣ ба мақсад мувофиқ аст. Баробари ҳамин дар як қатор заминҳои бекорхобидаи ҳудудҳои деҳоти Деҳвайрон ва Тӯл барои барпои боғҳои нав имкониятҳо мавҷуд.

Назар ба таъкиди ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров, ноҳия 9 сол инҷониб мавриди эътибори алоҳидаи роҳбари давлатамон қарор гирифта, дар ин мобайн ҷиҳати рушди иҷтимоиву иқтисодии ҳудуд корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда шуданд. Аз ҳама асосиаш, дар ноҳия саноат арзи ҳастӣ намуд. Як сол инҷониб ба ҳудуд сармояҳои хориҷӣ ворид мегарданд, ки ин пештар гӯё тасаввурнопазир буд. Роҳбари давлат супориш додааст Сӯх ба ҳудуди аз бекорӣ ва муфлисӣ холӣ табдил дода шавад. Барои иҷрои вазифаҳое, ки дар зиммаашон ҳаст, масъулони мо муттасил кор мекунанд ва дар равнақи иҷтимоиву иқтисодии ин қаламрав ҳисса мегузоранд.

Вазири шуғл ва коҳиши камбизоатӣ Ботир Зоҳидов бар он аст, саъйҳо дар роҳи коҳишдиҳии камбағалӣ дар Сӯх натиҷа мебахшанд ва то охири сол аз 7,9 фоиз ба 4 фоиз фуровардани он ба нақша гирифта шудааст. Барои ба шуғл фаро гирифтани наздик 2 ҳазор нафар чораҳои мақсаднок андешида ва ба 11 ҳазор нафар аҳолӣ хидматрасонии молиявӣ ба роҳ гузошта мешавад.



Раиси Кумитаи роҳҳои автомобилии назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷамшед Турсунов мегӯяд, дар ноҳия наздик 500 километр роҳҳо мавҷуд. Қисми асосии онро роҳҳои маҳалливу дохилӣ ташкил менамоянд. Ягон роҳи таъмирталаб аз эътибор дур нахоҳад монд. Ғайр аз ин бо супориши роҳбари давлатамон пайи барпои роҳи наве камарбастаем, ки Сӯхро бевосита ба ноҳияи Ӯзбекистон мепайвандад.

Ҷонишини ҳокими вилояти Фарғона Мирзоҳид Убайдуллоев ёдрас месозад, яке аз самтҳои муҳими вазифае, ки роҳбари давлат наздамон гузоштааст, ба драйвери асосӣ табдил додани соҳаи сайёҳӣ дар Сӯх мебошад. Обу ҳавои муътадили қаламрав барои солимӣ созгор ва дар ин ҷо, хусусан дар соҳили рӯди шӯхоби Сӯх, барпо кардани истироҳатгоҳ ва санаторияҳо мувофиқи матлаб. Барои равнақи сайёҳӣ ва барпои муолиҷагоҳҳо 54 лоиҳа ба амал татбиқ карда мешавад.

Муовини ҳокими вилояти Фарғона Хуршед Аҳмедов дар масканҳои обод ва хуррами Сӯх барпо намудани кӯчаҳои нави гастроэнтерологиро низ ба мақсад мувофиқ мешуморад. Ҳамчунин муътамад аст бо барпо карда шудани масканҳои табобативу истироҳатӣ дар Сӯх боз як дурдонаи макони сайёҳӣ арзи вуҷуд хоҳад кард.

Ҳокими ноҳия Саидбахром Саидмӯсоев қайд мекунад таҳти ҳар банди қарори роҳбари давлати мо қадри инсон ва манфиати мардум ниҳон аст. Пештар бинобар носозгории шароит коршиносон-соҳибкорони варзидаи Сӯх дар ҷойҳои дигар кор мекарданд. Алъон мехоҳанд ба зодгоҳ баргарданд, дар ободгариҳо, ки бо ташаббуси роҳбари давлат дар ин гӯшаи дурдасти вилоят ба вуқӯъ меоянд, саҳмгузор бошанд.

Ду техникуме, ки фаъолият мебарад, ба ду муассисаи таълими олӣ дар маркази вилоят узван пайваста, илм ва ҳунар ҳамоҳангӣ касб менамоянд. Барои ғояҳои тиҷоратиашонро ба амал баровардани ҷавонон ва камоли касбу кори онҳо кулли шароит фароҳам.

Чанд сол муқаддам барои хатмкардагони дабистонҳои таълими умумии ноҳия барои таҳсил дар муассисаҳои таълими олии мамлакат 500 квотаи гранти давлатӣ ҷудо карда шуда буд. Ҷавонони қаламрав аз имтиёз истифода карданд, беҳтаринҳо, инак, соҳиби маълумоти олӣ шуда, дар соҳаҳои гуногун аллакай чун кадрҳои сазовор меҳнат мекунанд. Сафи ҷавонони ҳушманд афзояд, кадрҳои малаканок зиёд мешавад.

Дар кӯчаҳои замонавии зодгоҳи худ по ниҳода, дар ҳар қадам як шукӯҳ ва ободгарие мебинам. Аз дигаргуниҳо аҳолӣ мамнун.

Доири ҷамъомаде, ки роҳбари давлат доир кард, суҳбатамон бо собиқадори меҳнат Баҳодурҷон Обидҷонов хеле тӯл мекашад. Вай мегӯяд, ҳар як давраи ҷараёнҳо дар Сӯхро Президенти муҳтарами мо таҳти назорати бевосита қарор додааст. Нуктаҳои қароре, ки молик ба аҳамияти таърихист, амалӣ гардида ва ба боз ҳам гулгулшукуфии ин диёр мусоидат месозанд.

Дигар, сӯхиён, ки замонҳое худро беҳимоят мешумурданд, алъон бо Ӯзбекистони рӯ ба тараққӣ ҳамтан ва ҳамҷон будани худро қалбан ҳис менамоянд.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**

*ТОШКАНД – СӮХ – ТОШКАНД.*


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 2058. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00



**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru



Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.